# Рӯйхати санҷишии маҳоратҳо: Санҷиши воситаҳои ёрирасон барои ҳаракатнокӣ

| Донишомӯз: | Ментор: | Таърихи рӯз: |
|---|---|---|

| Салоҳият | Шарҳу эзоҳи ментор | Ҳа | Не |
|---|---|---|---|
| **Пеш аз санҷиши воситаҳои ёрирасон барои ҳаракатнокӣ** | | | |
| 1. Санҷишро мефаҳмонад:<br>• Шарҳ медиҳад, ки санҷиш чиро дар бар мегирад<br>• Аз одам мепурсад, ки оё ӯ савол дорад ё не<br>• Аз одам мепурсад, ки оё ӯ розӣ ҳаст ё не<br>2. Дастонашро мешӯяд | | | |
| **Санҷиши оддии ҳаракатнокӣ ва хавф ба саломатӣ** | | | |
| 3. Саволҳои вобаста ба ҳаракатнокӣ ва хавф ба саломатӣ медиҳад ва:<br>• Мувофиқи ҷавобҳои одам хавфҳоро муайян мекунад<br>• Дуруст муайян мекунад, ки оё санҷиши панҷаи поҳо анҷом дода шавад ё не (Фасли 3) | | | |
| **Санҷиши панҷаи поҳо** | | | |
| 4. Санҷиши панҷаи поҳоро дуруст анҷом медиҳад:<br>• Савол ва мушоҳидаҳо<br>• Санҷиши набз<br>• Санҷиши пуршавии дубораи хун<br>• Санҷиши эҳсос | | | |
| 5. Дар бораи хавфи захми панҷаи пои одам хулосаи дуруст мебарорад | | | |
| **Санҷиш барои муайян кардани эҳтиёҷот ба маҳсулотҳои ёрирасон ва дигар хизматрасониҳо** | | | |
| 6. Барои фаҳмидани гирифтани он, ки оё одам аз воситаҳои ёрирасон барои ҳаракатнокӣ ва дигар маҳсулоти ёрирасон; ва/ё дигар хизматрасониҳо фоида ба даст меорад ё не, саволҳои санҷишӣ медиҳад. | | | |
| **Нақша** | | | |
| 7. Нақшаи муносиб тартиб медиҳад:<br>• Пурра одамро ба раванди банақшагирӣ ҷалб мекунад<br>• Ҳар эҳтиёҷоти вобаста ба | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| санҷишҳои минбаъда ва/ё арзёбиро муайян мекунад<br>• Ба шахсе, ки панҷаи поаш зери хавф аст, дар бораи чӣ гуна нигоҳубин кардани панҷаи поҳо ва интихоби кафши муносиб дастур медиҳад<br>• Бозравониҳои муносиб анҷом медиҳад<br>• Барои пайгирӣ кардан вохӯриҳои минбаъдаро таъйин мекунад (агар лозим бошад) | | | |

## Ёддоштҳо барои менторҳо

**Аз ин рӯйхати санҷишии маҳоратҳо барои ёрӣ расондан дар мавридҳои зерин истифода кунед:**

- Арзёбӣ кардани он, ки то кадом андоза донишомӯзон маҳоратҳои бехатар санҷидани воситаҳои ёрирасон барои ҳарактнокиро ба хубӣ иҷро карда метавонанд ва оё:
  - Онҳо метавонанд санҷиши ҳаракатнокӣ, аз ҷумла муоинаи панҷаи поҳоро мустақилона анҷом диҳанд ё не, ё
  - Ба мониторинги иловагӣ эҳтиёҷ доранд, ва агар чунин бошад, онҳо бештар ба амалия кардани кадом маҳоратҳояшон эҳтиёҷ доранд

**Ба назар гиред, ки:**

- Ин рӯйхати санҷишӣ ба муҳимтарин маҳоратҳо, ки дар модули TAP фаро гирифта шудаанд, диққати асосии худро равона мекунад.
- Шояд маҳоратҳои дигаре низ вуҷуд доранд, ки шумо мехоҳед донишомӯзон онҳоро сайқал диҳанд. Агар муфид бошад, шумо метавонед дар марҳалаҳои баъдӣ ин рӯйхати санҷиширо такмил диҳед.

**Барои истифода бурдани рӯйхати санҷишии маҳоратҳо:**

- Раванди пурраи санҷишро, ки донишомӯзгон анҷом медиҳанд, мушоҳида кунед. Ин метавонад ба воситаи бозидани нақшҳо (амалия кардан дар симои ҳамдигар) ё бо муроҷиаткунандагон сурат гирад.
- Ҳамеша итминон ҳосил намоед, ки амалия бо муроҷиаткунандагон ба таври бехатар анҷом дода мешавад.
- Дар варақа қайд кунед, ки оё донишомӯз ҳар як маҳоратро дуруст анҷом додааст ё не. Аз сутунчаи шарҳу эзоҳҳо барои навиштани тафсилот истифода баред. Ин метавонад он чизҳое бошанд, ки ба хубӣ анҷом дода шудаанд, ё бахшҳое бошанд, ки амалияи бештарро талаб мекунанд.

**Пешниҳод намудани фикру андешаҳо ба донишомӯзон:**

- Мушоҳидаҳои худро бо донишомӯзон муҳокима кунед. Нуктаҳои қавӣ ва бахшҳоеро, ки ба амалияи бештар эҳтиёҷ доранд, бо онҳо мубодила кунед.
- Нусхаи рӯйхати санҷиширо ба донишомӯз ҳамчун сабти ӯ пешниҳод кунед.
- Таъмин намудани роҳнамоӣ ва дастгириро идома диҳед ва бо рушд ёфтани маҳорат ва эътимоди онҳо арзёбии такрорӣ гузаронед.

**Кай донишомӯз барои мустақилона анҷом додани санҷиш дар робита ба воситаҳои ёрирасон барои ҳаракатнокӣ омода аст?**

- Барои ба таври бехатар анҷом додани санҷиш дар робита ба воситаҳои ёрирасон барои ҳарактнокӣ, донишомӯз бояд ҳамаи маҳоратҳоро дуруст такмил намояд.

- Дар ёд дошта бошед – роҳнамоӣ ва назорат як раванди давомдорест, ки барои идома додани такмили маҳоратҳо истифода мешаванд.